# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ” аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика, ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ – иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи умумӣ ва худшиносӣ) ба анҷом расонидааст

Раҳимӣ Комил Маҳмадраҳим дар вазифаи директори Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» кор ва фаъолият карда, дар ин ҷода ба як идда комёбиву муваффақиятҳо ноил гаштааст.

Дар муддати фаъолияти корӣ дар Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе дар соҳаи таҳқиқи масоили вобаста ба ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ ва умуман дар самти педагогика худро ҳамчун роҳбар босалоҳияту масъулиятнок ва пажуҳишгари босаъйу талош нишон додааст.

Бавижа, истеъдоду маҳорати ӯ дар таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаи таҳсилоти иловагӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимиву тарбиявӣ шоистаи зикр ва ситоиш мебошад. Дарсу машғулиятҳои тарбиявие, ки мазкур дар Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе ҳамчун ҳамчун роҳбар ва омӯзгор ташкилу баргузор намудааст, натиҷаю самараҳои хуб ба бор овардаанд.

Қобили тазаккур аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимӣ Комил ҳанӯз аз солҳои нахусти кору фаъолияти таълимиву тарбиявиаш дар Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе зимни гузаронидани машғулиятҳо ва чорабиниҳои таълимиву тарбиявӣ сурат гирифтаст, ки заминаи таҳқиқоти диссертатсионии ӯро ташкил мекунанд.

Муҳим будани мавзуи диссертатсияи раҳимӣ Комил дар он аст, ки таҳқиқоти илмии анҷомдодаи унвонҷӯ ба яке аз масоили муҳими таҳсилоти муосир - ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон нигаронида шудааст, зеро соҳиб будан ба салоҳияти эҷодкорӣ барои

хонандагон дар шароити муосир аз муҳимтарин салоҳиятҳои асосии мутахассис маҳсуб меёбад.

Чунин гузориши масъала дар худ аҳамият ва арзишмандии хосаро фаро гирифта, барои ҳалли бисёр масъалаҳои раванди ташаккул ва ташаккул ва рушди салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон бе шак кӯмак хоҳад кард.

Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимӣ К.М. ҳамчунин барои ҳалли баъзе масъалаҳои ташкилӣ-методӣ, иҷтимоӣ-педагогӣ ва методологӣ, ҳаллу фасли баъзе масъалаҳои вобаста ба ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон мусоидат карда метавонад.

Раҳимӣ К.М. зимни иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз худ қобилияту тавонмандии мустақилона пеш бурдани пажуҳиш ва ҷустуҷӯҳои амиқи назариявию амалӣ нишон дода тавонист. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур барои ташаккули бархӯрди нав дар раванди рушди салоҳиятҳои калидии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, ки онҳоро салоҳиятҳои болоифаннӣ ё байнифаннӣ низ мегӯянд, мусоидат карда, натиҷаҳои санҷишу озмоиши таҳқиқот дурустии фарзияи илмӣ ва нуктаҳои асосии назариявии онро тасдиқ менамоянд.

Дар ҷараёни коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ довталаби дараҷаи илмӣ Раҳимӣ К.М. худро дар ҳама ҷабҳаҳо ба тариқи мусбат нишон дода тавонист. Пешбурди фаъолияти таҳқиқотии мавсуф аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ як пажуҳишгари бомулоҳиза ва пухтакор аст ва минбаъд метавонад мустақилона ва мушаххас ҳадафу вазифаҳои таҳқиқотиро муайян карда, натиҷаҳои дастрасшударо амиқан ва бошуурона дарку фаҳм, баррасӣ ва таҳлил намояд, усулу воситаҳои ба мақсад мувофиқро барои анҷом додани таҳқиқот мустақилона муайян кунад.

Баррасиҳои илмӣ-назариявӣ ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишии баргузоркардаи довталаби дараҷаи илмӣ Раҳимӣ Комил оид ба шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар 6 мақолаи дар нашрияҳои илмии тақризшаванда батабъърасида инъикос ёфтаанд.

Довталаб Раҳимӣ К.М. солҳои 2019-2024 дар якчанд конфронсҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳои илмӣ-методӣ ва мизҳои мудаввари дар Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ва сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе баргузоршуда ширкат карда, аз рӯи мавзуи илмӣ-таҳқиқотиаш бо маърӯзаҳо баромад намудааст.

Дар умум, унвоҷӯй Раҳимӣ Комилро метавон ҳамчун мутахассиси самти илмҳои педагогӣ арзёбӣ ва тавсиф кард, ки мустақилона метавонад аз уҳдаи иҷро ва ҳалли супоришу вазифаҳои дар наздаш гузоштташуда барояд.

Ҳамчун роҳбари илмии унвонҷӯ таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимӣ Комил Маҳмадаҳимро мусбат ва ҳамчун таҳқиқоти пурра анҷомёфта арзёбӣ намуда, онро барои муҳокима ва дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика, ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ – иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи умумӣ ва худшиносӣ) тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои
педагогӣ, саркотиби илмии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон М. Каримзода

30.05.2024

*"Имзои М. Каримзодаро тасдиқ мекунам"*

Нозири кадрҳо ва
коргузории АТТ М. Саидова

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ
АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН • АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА • ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН